«Тасдиқ мекунам»
Ректори ДДОТ ба номи
Садриддин Айнӣ, д.и.т., профессор
_______________ Ибодуллозода А.И.
«_08_» ___01___ соли 2026

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**ба диссертатсияи Мирзоев Суҳроб Сулаймонович дар мавзуи «Афкори ахлоқии Абурайҳони Берунӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.05 – Илми ахлоқ**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуи диссертатсия ба шиносномаи ихтисосҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.05 – Илми ахлоқ (илмҳои фалсафӣ) мутобиқат менамояд.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Мубрамии мавзуи таҳқиқ пеш аз ҳама дар он зоҳир мегардад, ки Абурайҳони Берунӣ аз мутафаккирони шинохтаи фалсафаи асрҳои миёнаи тоҷику форс мебошад. Шинохти осору аҳволи вай на ин ки як гӯшаи торику наомӯхтаи илми гузаштаи тоҷикро равшан месозад, балки ба ин васила, хусусан таълимоти ахлоқии вай метавон насли ҷавонро дар доираи ахлоқи ҳамида ва худшиносии миллӣ тарбият кард. Тавре диссертант менависад, мубрамии таҳқиқи таълимоти Абурайҳони Берунӣ, аз он бармеояд, ки омӯзиши афкори ахлоқӣ-фалсафии Берунӣ метавонад дар бартарафсозии камбудиҳои маълумотӣ ва холигиҳои таърихии марбут ба рушди илми фалсафаи миллӣ нақши муассир бозад.

**Дараҷаи асосноккунии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудаанд.** Диссертант ҳангоми таҳияи рисолаи диссертатсионӣ ба сарчашмаҳои илмӣ ва пажӯҳишҳои дигар олимон, ки марбут ба мавзуи таҳқиқот мебошанд, махсусан ба мавод ва сарчашмаҳо бо забонҳои тоҷикӣ, форсӣ, русӣ, англисӣ ва дигар забонҳо муроҷиат намуда, мавзуро дар доираи мувофиқи методологияи герменевтикӣ ва ковишҳои диалетикии таҳлили таърихию фалсафӣ мавриди баррасӣ қарор додааст. Хулоса ва пешниҳодҳои дар охири ҳар як зербобу боб, инчунин дар охири рисола овардашуда, мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, аз ҷиҳати илмӣ ва фалсафӣ хусусияти навоварона доранд.

**Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳии натиҷаҳои гирифташуда.** Аз мазмун ва мундариҷаи диссертатсия бармеояд, ки дар доираи категорияҳо ва мақулаҳои ахлоқӣ бори аввал таҳлили ҳамаҷонибаи андешаҳои ахлоқи ақлгароёнаи Абурайҳони Берунӣ гузаронида шудааст. Навгониҳое, ки дар натиҷаи таҳқиқоти мавзуъ диссертант ба даст овардааст комилан хусусияти илмӣ доранд. Диссертант навовариҳои рисолаи илмиро дар 8 банд дарҷ кардааст, ки аслан фарогири ҳаёту фаъолият ва андешаҳои ахлоқии

Абурайҳони Берунӣ ҳамчун мутафаккири озодандеш ва ақлгаро дар низоми илми ахлоқ мебошанд. Ҳамчунин диссертант сарчашмаҳои асосии ташаккули ҷаҳонбинии мутафаккир, шабоҳату фарқияти андешаҳои ахлоқии ӯро бо таълимоти ахлоқии Арасту, Гален, Ҳиппократ, Киндӣ, Салмавӣ, Ибни Батрик ва дигарон ба таври муфассал шарҳ ва истифода намудааст.

Илова бар ин, диссертант муайян сохтааст, ки дар маҷмуъ низоми ахлоқии Абурайҳони Берунӣ бар пояи се категорияи муҳими асосӣ: ақл, рӯҳ ва лаззат сохта шудааст. Муносибати байни ин мақулаҳо аз нигоҳи Берунӣ дар асоси меъёр ва тавозун, тавассути ақл муқаррар мешаванд. Дар ниҳоят диссертант аз имконияти истифодашуда таълимоти ахлоқии мутафаккирро дар ҷомеаи муосир барои насли ояндасоз нишон дода, роҳи дурусти истифода аз он, хоса дар шароити муосири Тоҷикистон пешниҳод кардааст.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия.** Диссертатсия дорӯи аҳамияти илмию амалӣ ва иҷтимоӣ буда, натиҷаҳои бадастовардаи диссертант дар рисола ва хулосаҳои он дар омӯзиши минбаъдаи таълимоти ахлоқии мутафаккирони дигар, хусусан кишвар Шарқи Наздик ва Миёна истифода намуд. Маводи таҳқиқшудаи диссертатсияро метавон барои таҳияи барномаҳои дарсӣ, машғулиятҳои лексионӣ ва семинарҳо доир ба масъалаҳои ахлоқ, таърихи фалсафа, фалсафаи фарҳанг ва ғайра истифода кард. Истифодаи натиҷаҳо ва хулосаҳои диссертатсия дар барномаю китобҳои дарсӣ метавонад дар тарбияи ахлоқӣ ва худшиносии миллии насли ҷавони кишвари мо таъсири мусбат гузорад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ.** Натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсиониро асоснокии услубии муқаррароти ибтидои назариявӣ, мувофиқати усулҳои таҳқиқот ба ҳадафҳо ва вазифаҳои он, инчунин истифодаи усулҳои диалектикӣ, объективӣ, таърихӣ, мантиқӣ ва муқоисавӣ таъмин намудааст.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ.** Рисола кори илмӣ-таҳқиқотӣ мустақилонаи шахсии диссертант мебошад.

Тарзи навишт, таҳқиқ, масъалагузорӣ ва услуби диссертатсия саҳми муаллифро дар пажуҳишҳои илмӣ нишон медиҳанд, ки он аз мустақилона интихоб кардани мавзуъ ва дарёфти иттилоот, инчунин таҳлили рисола иборат мебошад.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Мазмун, муҳтаво ва натиҷаҳои кори таҳқиқотӣ дар 5 мақолаи илмии муаллиф дарҷ ёфтаанд, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба монанди «Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» чоп шудаанд.

**Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Алоҳида дар муқаддима рисола зарурияти интихоби кори илмӣ-таҳқиқотӣ асоснок, дараҷаи омӯзиш, объект ва

предмети таҳқиқот, ҳадафу вазифаҳои он, асосҳои назарию методологӣ, навгониҳои илмӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва аҳамияти назарию амалии кори диссертатсонӣ муайян ва асоснок карда шудаанд.

Боби якуми диссертатсия – **“Шароитҳои таърихӣ ва сарчашмаҳои назариявии ташаккули ҷаҳонбинии Абурайҳони Берунӣ** аз ду зербоб иборат аст. Зербоби якум, **“Шароитҳои иҷтимоию сиёсии даврони Абурайҳони Берунӣ”** номгузорӣ шуда, дар он маълумот дар бораи вазъи иҷтимоию сиёсии давраи ҳаёт ва фаъолияти Абурайҳони Берунӣ дода шудааст. Диссертант дар ин зербоб оид ба саҳнаи таърих ворид гардидани тамаддуни арабӣ ва дар ин замина ба вуҷуд омадани низоми навини хати арабӣ ва рақамҳои ҳиндӣ маълумоти дақиқ овардааст. Дар робита ба қаҳрамониҳои диловаронаи тоҷикон, хусусан, ҳокими Хатлон Бадри Тархон, ҳокими Самарқанд-Деваштак, Гурак, ҳокими Фарғона Алутар, Абумуслим, Симбоди Муғ, Муқаннаъ, Рофеъ, Ибни Лайс, Бобак ва дигарон, ки бар зидди арабҳо муборизаи беамон бурда буданд, иттилоъи тоза додааст. Инчунин перомуни мутафаккирон ва олимони бузурги ин давра ва инкишофи босуръати илмҳои табиатшиносӣ, тиб, ҷуғрофия, таърих, фалсафа, ахлоқу адабиёт, ситорашиносӣ ва ғайра маълумоти зарурӣ пешниҳод намудааст.

Дар зербоби дуюм – **“Сарчашмаҳои ғоявии ҷаҳонбинии Абурайҳон Берунӣ”** мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Ташаккули ҷаҳонбинии Абурайҳони Берунӣ, бахусус ақидаҳои фалсафию ахлоқии ӯ нишон медиҳад, ки на танҳо илмҳои дақиқ, балки ақидаҳои динӣ, ки дар байни онҳо дини зардуштӣ мавқеи хоса дошт, дар ташаккули ҷаҳонбинии ӯ таъсири калон расонидааст.

Диссертант собит намудааст, ки мафҳумҳо ва категорияҳои ахлоқӣ дар андешаҳои Абурайҳони Берунӣ бархурди хирад ва руҳро ташкил медиҳад, ки дар он сифатҳои ахлоқии зарурӣ равшан нишон дода шудааст. Дар ҷаҳонбинии Абурайҳони Берунӣ дар баробари ақидаҳои оини зардуштия таъсири илму фарҳанги юнонӣ низ баръало мушоҳида мешавад. Дар андешаҳои ахлоқии вай таъсири эллинизм хело равшан зоҳир мегардад.

Аз баррасии ҷаҳонбинии Абурайҳони Берунӣ ва осори ӯ бармеояд, ки андешаҳои фалсафӣ, динӣ, иҷтимоӣ ва ахлоқии ӯ дар заминаи сарчашмаҳои маъруфи фалсафӣ, динӣ ва адабии гузашта, зери таъсири шароити ичтимоӣ-сиёсӣ ва ақидаҳои файласуфон ҷараёнҳои мухталифи фалсафии даврони вай ташаккул ёфтааст.

Боби дуюми диссертатсия **“Андешаҳои ахлоқии Абурайҳони Берунӣ”** буда, аз ду зербоб иборат мебошад. Зербоби якуми он–**“Ҳаёт ва мероси фалсафию ахлоқии Абурайҳони Берунӣ”** буда, дар он диссертант оид ба ҳаёт ва мероси фалсафию ахлоқии Берунӣ маълумоти муфассал пешниҳод намудааст. Дар асоси гуфтаҳои ҷуғрофидони асри Х11 Ёқути Ҳамавӣ, хоразмиён онҳоеро, ки ватани худ-Харазмро тарк мекарданд “берунӣ” меномиданд. Берунӣ дар зодгоҳи худ Қот, ки онҷо олимони зиёд –

ситорашиносон, риёзидонҳо, табибон, муаррихон ва ғ. аз кишварҳои гуногун зиндагӣ мекарданд, маълумоти васеъ ва ҳаматарафа гирифтааст. Берунӣ баъд аз нашри асари худ "Осор-ул-боқия" соли 1004 ба Хоразм даъват шуда ва дар ҳавзаи илмие, ки олимони машҳури он замон-Ибни Ироқӣ, Ибни Сино, Абусаҳли Масеҳӣ дохил шуда буданд, мепайвандад. Муаллифи рисола бо такя ба сарчашмаҳои муътамад равшан сохтааст, ки Берунӣ аз худ осори гаронбаҳо, аз ҷумла: "Таърихи Хоразм", рисолаи ситора-заминшиносӣ "Муайян кардани ҳудуди маҳалҳо барои равшан кардани маҳаллаҳои аҳолинишин "Геодезия", "Китоби насиҳат аз аҳкоми илми ситораҳо" ("Илм дар бораи ситораҳо"), "Мол-ул-Ҳинд" ("Шарҳи олимони ҳинд, дар бораи маъқул ё рад кардани ақли "Ҳиндустон", "Қонуни Масъудӣ" ва ғайра боқӣ мондааст.

Пас аз баррасиҳо ва таҳлилҳои ҳамаҷониба диссертант дар ин зербоб ба хулосае меояд, ки нигоҳи Берунӣ ба ҷомеа ба он сабаб ҷолиб буд, ки вай саъй мекард ба яке аз саволҳои муҳими асрҳои миёна, яъне ба саволи ибтидои таърихи башар ҷавоб диҳад. Берунӣ мутмаин буд, ки тамоми динҳои мавҷуда ва таълимотҳо дар бораи нубувват ба он ҷавоби қонеъкунанда надоданд.

Дар зербоби дуюм – **"Ҷойгоҳ ва мақоми ахлоқ дар таълимоти фалсафии Абурайҳони Берунӣ",** номгузорӣ шуда, дар он муҳимтарин категорияҳои ахлоқӣ мавриди омӯзиш ва пажӯҳиш қарор гирифтаанд. Ба андешаи диссертант инсондӯстӣ асоси афкори фалсафию ахлоқии Абурайҳони Беруниро ташкил дода, мутафаккир тамоми масъалаҳои фалсафӣ ва ахлоқиро дар алоқамандии зич бо масъалаҳои инсондӯстӣ таҳқиқ кардааст. Абурайҳон Берунӣ меъёри асосии бартарии инсонро дар хирад ва маҳорат, ақлу заковат, меҳру шавқат, хайрхоҳӣ ва накукорӣ мебинад. Дар ақидаҳои ахлоқӣ ва фалсафии худ мутаффакир тазаккур менамояд, ки инсон волотарин маҳсули офариниши Худо ва табиат аст, дар ҳоле, ки инсондӯстӣ нишонаи боэътимоди комёбӣ ва сарват мебошад.

Ба назари диссертант Абурайҳони Берунӣ ҳамчун файласуф ва омӯзгор дар инсон тарбияи руҳияи ҳамбастагӣ, баробарии иҷтимоӣ, боиффатӣ ва рафтори некро вазифаи худ медонист. Берунӣ инсонро ба парвариши хислатҳои баланди ахлоқӣ ташвиқ намуда, боварӣ дошт, ки бо илм, дониш ва таҳаммулпазирӣ дар ҷомеа ва меҳнат аз ҷаҳолат ва бенавоӣ халос шудан мумкин аст.

Боби сеюми диссертатсия "**Нақши ақидаҳои фалсафӣ-ахлоқии Абурайҳони Берунӣ дар ташаккули ҷаҳони маънавии наврасону ҷавонон**" номгузорӣ шуда, аз ду зербоб иборат мебошад.

Зербоби якуми ин боб **"Фазилатҳои ахлоқӣ дар низоми ахлоқии мутафаккир"** буда, диссертант дар он аслан ба шарҳи категорияҳое, ки дар ақидаҳои ахлоқии Абурайҳони Берунӣ асосан ба ду гурӯҳ ҷудо карда шудааст, бештар таваҷҷӯҳ зоҳир намудааст.

Категориҳои якум:-фазилатҳои ахлоқии "мурувват", "саховатмандӣ", "баробарӣ", "ростқавлӣ", "меҳрубонӣ", "некӣ", "адолат", "покдоманӣ",

“боодобӣ”, “бегуноҳӣ”, “саховатмандӣ”, “хайрхоҳӣ”, “раҳмдилӣ”, “адолат”, “сабру таҳаммул”, “хоксорӣ” ва ғайраро дар бар гирифтааст.

Ба гурӯҳи дуюм разилатҳои ахлоқии “бадӣ”, “хиёнат”, “зуроварӣ”, “азоб”, “зулм”, “ситам”, “майпарастӣ”, “ғурур”, “ҳасад”, “бухл”, “адоват”, “душманӣ”, “хашм”, “пурхурӣ”, “дурӯғ” “тамаъ” ва ғ.

Диссертант дар андешаҳои ахлоқии Берунӣ одоби некро бо рафтори бад муқобил гузошта, таъкид менамояд, ки хирад ва адолат ҳамеша ҳамдигарро меҷӯянд, муттаҳид шуда, қаҳру ғазаб, дилхарошӣ ва зуроварӣ, маҷбурӣ, зулм ва беадолатиро фуру мешинонад.

Зербоби дуюми боби сеюм омӯзиш ва таҳлили масъалаи “**Аҳаммияти андешаҳои ахлоқии барои замони муосир”**-ро дар бар гирифтааст. Тибқи андешаи диссертант гуногунрангии фикрӣ ва доираи васеи шавқи илмии Абурайҳони Берунӣ дар соҳаҳои мухталифи асримиёнагӣ, ба тарзи равшан дар асари машҳури ӯ “Китоб ас- Сайдана фи-тиб” ва бахусус дар “Маъданшиносӣ” таҷассум ёфтааст. Дар ин асар мутафаккир на танҳо иттилооти илмӣ, балки мушоҳидаҳо, хотироти шахсӣ, маълумоти этнографӣ ва муҳокимаҳои ахлоқӣ-ҷамъиятиро ҷамъоварӣ намуда, заминаи муҳими маърифатӣ ва фалсафиро барои наслҳои минбаъда гузоштааст.

Қобил ба зикр аст, ки аҳамияти низоми ахлоқии Абурайҳони Берунӣ дар шароити ҷомеаи тоҷик басо мувофиқ буда, тамоми назарияҳои онро дар ҳаёти имрӯза истифода бурдан мумкин аст.

Хулосаҳои диссертатсия дар 10 банд ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот дар 5 банд пешкаш гардида, мазмуну моҳияти корро ифода карданд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31-33-и “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Муаллиф тавонистааст, ки диссертатсияи худро тариқи сохтори дуруст таҳия карда, объект ва предмети таҳқиқотро дар алоқамандӣ бо мавзуъ, вазифаҳои таҳқиқот дар ҳамбастагӣ бо ҳадаф ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, ба баёни навгониҳои илмӣ муайян намуда, тавассути методологияи илмӣ-фалсафӣ онро таҳлилу баррасӣ ва натиҷагирӣ намояд. Равиши пайдарҳамии мантиқии фикр дар ҳама қисматҳои диссертатсия мушоҳида шуда, андешаҳои муаллиф асосноку илмӣ мебошанд. Бо назардошти ҳамин хусусият диссертатсияро кори илмии анҷомёфта ва дорои мазмуну муҳтавои илмӣ ҳисобидан мумкин аст.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Тахассуси илмии довталаб – Мирзоев Суҳроб Сулаймонович ба ихтисоси илмии дархостшаванда - 09.00.05 – Илми ахлоқ (илмҳои фалсафӣ) мувофиқат мекунад.

**Таҳқиқи диссертатсия аз ин ҷиҳат қобили дастгирӣ мебошад**, ки диссертант Мирзоев С.С. вобаста ба мавзуи таҳқиқот сарчашмаҳо ва

маводи заруриро бо забонҳои гуногун гирд овардааст. Баъдан, дар доираи методологияи илми фалсафа онҳоро мавриди таҳқиқ карор дода, ва дар ниҳояти кор хулосаву пешниҳодҳои худро баён кардааст. Таҳлилҳо, баррасиҳо, хулосаҳо ва пешниҳодоти диссертатсия барои илму ҷомеаи муосири тоҷик ва умуман кишварҳои Шарқи Наздик ва Миёна аз назари тарбияи ахлоқӣ аҳамияти назариявӣ ва амалӣ доранд.

**Эродҳо дар ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.** Новобаста аз дастоварду муваффақиятҳо ва пешниҳодҳои ҳадафмандона диссертатсияи мазкур аз норасоиҳое, ки хусусияти ҷузъӣ доранд холӣ нест:

1. Дар рисола истифодаи осори аслии худи Абурайҳони Берунӣ (мисли «Осор-ул-боқия», «Таҳқиқ мо ли-л-Ҳинд») нокифоя буда, диссертант бештар ба манобеи дуюмдараҷа такя кардааст.

2. Таҳлили интиқодӣ ва муқоисавии афкори ахлоқии Берунӣ бо дигар мутафаккирон кам ба назар мерасад.

3. Мафҳуми «ахлоқ» дар рисола ба таври дақиқ аз дидгоҳи фалсафӣ муайян нашуда, фарқ миёни ахлоқи фалсафӣ, ахлоқи динӣ ва иҷтимоӣ ба таври равшан нишон дода нашудааст.

4. Дар диссертатсия ва автореферат иштибоҳоти услубию техникӣ ва хусусан фарҳанги техникӣ ба мушоҳида мерасад.

Камбудиҳои ҷойдошта сифати баланди илмии диссертатсияро коста намегардонанд. Ба инобат гирифтани онҳо дар таҳқиқотиояндаи диссератант самаранок арзёбӣ мегарданд.

Автореферати дисертатсия тибқи тартиби муқарраградида барои дарёфти дараҷаи илмии **илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.05 – Илми ахлоқ** таҳия гардида, мазмуни асосии кори таҳқиқотиро инъикос менамояд ва дар он натиҷаҳои назарраси илмӣ асоснок гардида, шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

**Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия.** Хулоса, диссертатсияи Мирзоев Суҳроб Сулаймонович дар мавзуи «Афкори ахлоқии Абурайҳони Берунӣ” барои дарёфти дараҷи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.05 –Илми ахлоқ дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи мавҷуда мутобиқ мебошад.

Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.05 –Илми ахлоқ сазовор аст.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақриз аз ҷониби номзади илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи фалсафа ва фарҳангшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Бердиев Ш. омода гардидааст.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи фалсафа ва фарҳангшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ муҳокима ва тасдиқ карда шудааст. (протоколи №6 аз 07 январи соли 2026).

Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 18 нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор -18 нафар, зид - нест, бетараф - нест.

**Раиси ҷаласа:**
н.и.ф., дотсент, мудири кафедраи фалсафа ва фарҳангшиносии
Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ **Г. Саидзода**

**Эксперт:**
н.и.ф., дотсенти кафедраи фалсафа ва фарҳангшиносии
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ **Ш. Бердиев**

**Котиби илмии ҷаласа:**
н.и.ф., и.в.дотсенти кафедраи фалсафа ва фарҳангшиносии
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ **И. Гулов**

Имзои н.и.ф., дотсент Г. Саидзода, н.и.ф., дотсент Бердиев Ш.
ва н.и.ф.,и.в. **дотсент И. Гуловро** тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ **Қодирзода С.**

**Суроға:**
Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734003, ш. Душанбе х. Рӯдакӣ 121
Тел.: (+992 37) 2248313
Почтаи электронӣ: info@tgpu.tj Сомона: www.tgpu.tj
«07» 01 2026 соли 2026